**Тақризи**

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи аспирант Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10. 01. 01— Адабиёти тоҷик

Асрҳои XVI - XVII яке аз давраҳои муҳимми адабиёти мо ба шумор меравад, аммо то ҳол рӯзгор ва осори баъзе аз намояндагони машҳури ин асрҳо мавриди пажӯҳиши адабиётшиносӣ қарор нагирифтаанд. Саҳобии Астарободӣ яке аз ҳамин гуна чеҳраҳои маъруфи адабиётамон мебошад, ки то ҳол осораш таҳқиқ нашуда буд. Аз ин рӯ, аз тарафи Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович ба сифати диссертатсияи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ҳаёту фаъолияти адабии ин шоири номӣ ва орифи гиромӣ як иқдоми муҳим маҳсуб мешавад. Воқеан, аҳли тазкира ва муҳаққиқону донишмандон ба осори Саҳобӣ баҳои баланд додаанд. Ба вижа Шиблии Нуъмонӣ ба рубоиёти ӯ баҳои баланд дода, дар китоби «Шеър-ул-Аҷам» онҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Забеҳуллоҳи Сафо низ дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» ба осори Саҳобӣ баҳои шоиста ва дархӯри аҳаммият додааст. Аз шоирони бузурги он рӯзгор, яке аз устодони ғазал дар сабки ҳиндӣ Соиби Табрезӣ низ мақоми шомихи Саҳобиро дар рубоисароӣ эътироф ва таъкид намудааст. Бо як сухан, Саҳобии Астарободӣ аз шоирони номдори замони худ буда, бо осори пурарзиш ва гаронбаҳои хеш, бавижа рубоиҳояш ҳамчун устоди рубоӣ шинохта шуда будааст. Саҳобӣ натанҳо дар рубоисароӣ, балки дар ғазалгӯӣ низ маҳорати воло доштааст. Бинобар ин, донишмандон ба ғазалиёти ӯ, ки ҳамчун пул барои гузаштан аз сабки ироқӣ ба сабки ҳиндӣ хидмат кардаанд, баҳои баланд додаанд. Хушбахтона, муҳаққиқ ҳам рубоиҳои шоир ва ҳам ғазалиёти ӯро дар диссертатсияаш ба наҳви аҳсан ва аз паҳлуҳои гуногун таҳлилу таҳқиқ намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил шудааст. Хусусан ба ҷанбаҳои иҷтимоиву ирфонӣ ва фалсафию ахлоқии осори шоир диққати зарурӣ додааст. Ӯ барои тасдиқи суханонаш дар ин заминаҳо натанҳо аз осори шоир, балки аз гуфтори аҳли тазкира ва донишмандон низ суд ҷустааст ва далелҳои боэътимод овардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, шаш зерфасл хулоса ва китобнома иборат мебошад. Ҳаҷми умумии он 166 саҳифаи компютериро дар бар мегирад. Муаллиф дар муқаддима роҷеъ ба аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаву усули таҳқиқ, навгониҳо, арзиши назарию амалӣ, нуктаҳои

асосии диссертатсия, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд ва ғайра ба таври мушаххас изҳори назар менамояд. Боби аввали диссертатсия, ки «Зиндагӣ ва мероси адабии Саҳобии Астарободӣ» ном дорад, ба таҳқиқи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангию адабӣ, замону рӯзгор ва осори адабии шоир бахшида шудааст. Муаллиф дар ин боб доир ба осори шоир, ки дар шакли «Девони рубоиёт», «Девони ғазалиёт», «Шарҳи рубоиёт», «Куллиёт» ва рисолаи «Урват-ул-вусқо» то ба рӯзгори мо омада расидаанд, маълумот медиҳад. Аз ҷумла, доир ба нусхаҳои хаттии осори шоир, ки дар китобхонаҳои Эрону Покистон, Ҳиндустону Британия нигаҳдорӣ мешаванд, сухан мегӯяд. Ӯ доир ба миқдори осори шоир, аз ҷумла рубоиёти ӯ андешаронӣ намуда, миқдори онҳоро аз 6 000 то 12 000 ва ҳатто 70 000 то 170 000 нишон додааст. Аммо тибқи таҳқиқи худи ӯ аз Саҳобӣ то рӯзгори мо 6 255 рубоӣ расидааст. Аз ин лиҳоз, Саҳобӣ яке аз симоҳои камназир дар адабиёт шинохта шудааст. Ба ин маънӣ ҳам Шиблӣ, ҳам Шамисову Беҳдорванд ва ҳам муҳаққиқони дигар ишора кардаанд. Боби дуюми диссертатсия, ки «Мавзуъ ва мундариҷаи ғазалиёти Саҳобӣ» номгузорӣ шудааст, ба баррасии ғазалиёти шоир ихтисос дода шудааст. Муаллиф дар ин боб доир ба ғазал ва суннати ғазалсароӣ, мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти шоир, аз ҷумла мавзуи ишқу ошиқӣ, панду ҳикмат ва бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобӣ, қаламфарсоӣ кардааст. Аспирант дар ин навъи шеърӣ дасти тавоно доштани Саҳобиро бо овардани мисолҳо ва таҳлили илмии онҳо собит намудааст. Хусусан аз мухтассоти орифонаву ахлоқии ғазалҳои шоир ва иртиботаш бо ғазалсароёни сутурги адабиётамон Саъдию Ҳофиз, Камолу Ҷомӣ ва дигарон хабар додааст. Ҳамзамон, ӯ вижагиҳои дигари ғазалиёти шоирро низ ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Бавижа талмеҳгароӣ ва истифода аз оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавиро дар ғазалиёти шоир таъкид намуда, бо мисолҳо тасдиқ кардааст. Боби савуми диссертатсия, ки «Рубоиёти Саҳобӣ ва мавзуву муҳтавои онҳо» унвон дорад, ба баррасии мавзуъоти рубоиҳои шоир, аз ҷумла мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, ишқӣ, пандуахлоқӣ, иртибот мегиранд. Шоир дар онҳо ахлоқи ҳамидаи инсониро васф намуда, ахлоқи разиларо маҳкум мекунад. Гузашта аз ин, аспирант дар ин боб доир ба забону услуби баёни шоир афкори ҷолиби илмӣ баён менамояд. Аспирант дар бахши хулоса натиҷаи пажӯҳишашро як - як нишон додаву ҷамъбаст намудааст. Хулосаҳои муаллиф амиқ буда, дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Автореферати аспирант низ мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияро ба таври мухтасар ва дақиқ фаро гирифта, аз ҷанбаи қавии илмӣ бархӯрдор мебошад. Диссертатсияи аспирант Баёнов Маҳмаднабӣ Бачаҷонович дар

мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, пурра ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**

номзади илми филология, муовини

илмии директори Институти

забон ва адабиёти ба номи

А. Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Ш.

**Имзои Муҳаммадиев Ш.-ро**

**тасдиқ менамоям:**

Нозири кадрҳои

Институти забон ва адабиёти

ба номи А. Рӯдакии АМИТ Нарзиқулова Ҳ.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 21. Тел.: +992 (37) 227-29-07, 221- 70-30,
E-mail: iza rudaki17@mail.ru, http://www. iza. tarena.tj

**25.06.2019**